# ҚАРОРИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-020
## назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**аз 23.01.2025** **ш. Душанбе**

Суханронии Ҳамзаев Муҳриддин Қаландарович дар мавзуи «Ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ дар шеъри тоҷикии солҳои 60-70-уми асри XX (дар мисоли ашъори Ғоиб Сафарзода)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ, тақризи муассисаи пешбар – **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**, суханронии муқарризони расмӣ – доктори илмҳои филологӣ, сарходими илмии шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон – **Ҳакимов Аскар Олимович**, номзади илмҳои филологӣ, саромӯзгори кафедраи адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» – **Маҳмадалиева Муҳаббат Раҳмоновна**, муқарризони ғайрирасмӣ – докторони илмҳои филологӣ Мисбоҳиддини Нарзиқул, Сатторзода Абдунабӣ, Низомӣ Муҳриддин ва Мақсудзода Бадриддинро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Ҳамзаев Муҳриддин Қаландарович

## ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Ҳамзаев Муҳриддин Қаландарович дар мавзуи «Ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ дар шеъри тоҷикии солҳои 60-70-уми асри XX (дар мисоли ашъори Ғоиб Сафарзода)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;

2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;

3. Ба Ҳамзаев Муҳриддин Қаландарович дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ дода шавад;

4. Барои додани дипломи номзади илмҳои филологӣ ба Ҳамзаев Муҳриддин Қаландарович аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 16 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Мақсудзода Б.М.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Бобомаллаев И.Ҷ.

23.01.2025.